# ТАҚРИЗИ МУШОВИРИ ИЛМӢ

**ба диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо даврони муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ)**

Забоншиносии тоҷик дар масъалаи таҳқиқи нақши калимаҳои ёвар дар суратгирии робитаи байни аносири луғавии таркиби воҳидҳои наҳвии забони адабии муосири тоҷикӣ амсоли иборaву ҷумла ба комёбиҳои назаррас ноил гардидааст, вале, мутаассифона, аксари ин гуна пажуҳишҳо дар заминаи маводи осори адибони имрӯза сурат гирифта, ба таърихи онҳо қариб аст, ки таваҷҷуҳ нашудааст. Аз ин ҷиҳат таҳқиқоти унвонҷӯ Курғанов Зохид Дехканович муҳим ва мубрам маҳсуб ёфта, он метавонад ба як силсила муаммоҳои дар таърихи ин масъала ҷойдошта мусоидат намояд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, феҳристи осори таҳқиқӣ ва ихтисораҳо иборат аст.

Унвонҷӯ пас аз зикри мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, ҳадафу вазифаҳои пажуҳиш, объекту предмет ва асосҳои назариявии таҳқиқ, сарчашма ва навгониҳои кор, нуктаҳои ба дифоъ пешниҳодшуда, аҳаммияти назариву амалии диссертатсия ва м. инҳо дар панҷ боби пажуҳишаш ба ҳаллу фасли вазифаҳои дар наздаш гузошташуда пардохтааст.

Нахуст муаллиф бо мақсади инъикос намудани дараҷаи ҳаллу фасл гардидани масъалаи сервазифагии калимаҳои ёвар, ба хусус пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо ба таҳлили муҳтавои асару мақолаҳои ба ин гурӯҳи калимаҳо бахшидашуда рӯ оварда собит намудааст, ки ба таври комил ва амиқ омӯхтани чунин функсияи онҳо ҳам дар осори хаттии асримиёнагӣ, ҳам насру назми муосир аз назари аҳли пажуҳиш пинҳон мондааст. Зимни баррасии масъалаи мазкур унвонҷӯ баҳсҳои алоҳидаи дар

ин хусус дар байни муҳаққиқон ҷойдоштаро ишора намуда, назари худро доир ба он изҳор кардааст (боби 1-ум).

Дар ҷараёни баррасии масъала Курғанов З.Д. ба таҳлили даврони пешазмелодии корбурди унсурҳои ёвар даст зада, ба бардоште расидааст, ки дар ин замон бо сабаби флективӣ будани забонҳои эронӣ, ба хусус тоҷикӣ на танҳо теъдод, балки вазифаи пешоянду пасоянд ва пайвандакҳо маҳдуд буд. Муаллиф сабаби чунин камвазифагии унсурҳои ёвари ин давронро дар он дидааст, ки ба амал омадани муносибатҳои грамматикӣ дар байни унсурҳои луғавӣ асосан бар дӯши падежҳо вогузор шуда буд. Баъдан бо сабаби аз ҳолати флективӣ ба аналитикӣ майл кардани забони ниёгон ва аз байн рафтани падежҳои бостонӣ эҳтиёҷ ба воситаҳои рабтдиҳандаи байни калимаҳо ба вуҷуд омад ва барои иҷрои ин вазифа пешоянду пасояндҳо ва пайвандакҳо фаъол гардида, доираи вазифаашон низ рӯ ба фароҳӣ овард. Чунонки унвонҷӯ қайд намудааст, зуҳури эҳтиёҷи зиёдро ба ин навъи калимаҳо аз ҳамин ҳам дарк намудан мумкин аст, ки маҳз дар давраи Сосониён теъдоди пешоянду пайвандакҳо афзуд (боби 2-юм).

Дар давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ пешояндҳо ба ҷуз вазифаи аслии худ боз дар функсияи ҳамин гуна унсурҳои ёвари дигар низ мустаъмал гардиданд. Унвонҷӯ дар заминаи маводи фаровони аз осори манзуму мансури қарнҳои X-XIII гирдовардааш нишон додааст, ки пешоянду пасояндҳои аслии «аз / зи», ба / бад», «бо / або», «дар / андар», «-ро» ва пешояндҳои номии изофиву таркибии номии «бози», «сӯйи», «аз пайи», «ба кирдори»... ба ҷуз вазифаи аслии худ инчунин ҳамчун ивазкунандаи ҳам пешояндҳои дигар, ҳам пайвандакҳои пайвасткунанда ва тобеъкунанда ба кор рафтаанд (боби 3-юм).

Муаллифи диссертатсия таваҷҷуҳи худро ба доираи вазифаҳои унсурҳои ёвари дигар – пайвандакҳо низ равона карда, аз таҳлили маводи фаровон ба бардоште расидааст, ки дар ин даврон доираи вазифаи пайвандакҳо низ фароҳтар гардида, онҳо низ бар ивази як даста пешояндҳо мавриди истифода қарор гирифтанд. Дар чунин вазифа пайвандакҳои пайвасткунандаи «ва», «-у» («-ю», «-ву»), «чи», «ё», «аммо», инчунин

пайвандакҳои тобеъкунандаи «ки», «агар», «чун», «то» ва м. инҳо серистеъмол буда, ҳар ду гурӯҳи зикршуда ивазкунандаи якдигар буданд (боби 4-ум).

Аз таҳлили ин масъала унвонҷӯ ба бардоште расидааст, ки дар осори садаҳои X-XIII дар қиёс бо ду даврони пешини инкишофи забони тоҷикӣ теъдоди микдори аносири ёвар аз ҳисоби вожаҳои мустақилмаънои аслии тоҷикӣ ва вомвожаҳо, ба хусус арабӣ афзуда, дар ин вазифа нақши калимаҳои соматикӣ назаррас аст. Аз мавридҳои корбастгардӣ ё фурӯгузор шудани ин гурӯҳи аносири ёвар унвонҷӯ ба хулосае омадааст, ки гоҳо аз таркиби ибораву ҷумла ҳазф шудани онҳо ба мушоҳида мерасад. Унвонҷӯ бо мақсади инъикос намудани маҳорати адибони садаҳои X-XIII дар мисоли аз таркиби ҷумла ҳазф шудани пешояндҳои аслии содаи «ба», «дар», «бар» ва пешояндҳои таркибии номии изофии «ба сабаби» нишон додааст, ки бо вуҷуди фурӯгузор шудани онҳо хеҷ халале ба мазмуни ҷумла ворид нашудааст. Ҳамин хусусиятро унвонҷӯ дар мисоли истифодаи қолабҳои пешояндиву пасояндӣ нишон дода, ба хулосае омадааст, ки бо вуҷуди бидуни фосила, ё дар фосилаи муайян аз аъзоҳои дигари ҷумла ҷойгузин шудани иддае аз қолабҳои пешояндиву пасояндӣ ба услуби нигориши муаллифони осор халале ворид нашудааст (боби 5-ум).

Дар ҳама бобҳои рисола диссертант ба он таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки унсурҳои ёвар дар ибтидо баробари микдоран кам буданашон танҳо дар як вазифаи мушаххас ба кор мерафтанд, баъдан ҳам теъдодашон афзудааст, ҳам доираи вазифаашон фарох гардидааст, аммо дар забони адабии муосири тоҷикӣ такроран ба маҳдудвазифагӣ рӯ овардани онҳо ба мушоҳида мерасад. Унвонҷӯ кӯшидааст, ки сабаби ба вуқуъ омадани чунин таҳаввулотро дар миқдору вазифаи ин гурӯҳи унсурҳои ёвар ошкор намояд ва ба он муваффақ ҳам шудааст.

Ҳамин тавр, унвонҷӯ Курғанов З.Д дар мавзуи муҳимму мубрам таҳқиқоти судманду комилеро анҷом дода, дар иҷрои чунин кор заҳмати фаровон кашидааст ва осори зиёди таҳқиқии ватаниву хориҷии марбут ба мавзуъро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ, англисӣ, форсӣ истифода кардааст, аз сарчашмаҳои хаттии даврони асримиёнагӣ ва осори адибони муосир

маводи фаровони фактологӣ гирд овардааст, бо дигар муҳаққиқон дар ошкор шудани вазифаҳои мухталифи унсурҳои ёваре чун пешоянду пайвандак ва сабаби ба сервазифагӣ доро гаштани онҳо баҳсҳо кардааст.

Пажуҳиши илмии Курғанов З.Д. кори мустақилона анҷомдодашуда маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти назариву амалист, он дар оянда бахри густариш ёфтани ин гуна осори таҳқиқӣ роҳро ҳамвор хоҳад намуд.

Масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ҷараён гирифтааст.

Навгонии пажуҳиш дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст хусусиятҳои сервазифагӣ пайдо намудани унсурҳои ёварро дар осори садаҳои X-XIII ба риштаи таҳлил кашида, онҳоро бо ҳолати бостону нахустасрҳои миёна, аз як тараф, ва вазъи имрӯзаи корбурдашон, аз ҷониби дигар, қиёс карда, ба ин восита дараҷаи ба таҳаввул дучоргардии онҳоро ошкор намудааст.

Хулосаҳои аз пажуҳиш бадастовардаи муаллиф эътимоднок буда, тавсияҳои дар рисолаи тазаккурёфта асоси қавӣ доранд.

Диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович бо ихтисоси илмии интихобнамудаи муаллиф мувофиқат менамояд. Мавзуи диссертатсия ва мазмуну муҳтавои он ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқӣ, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) таъйин шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

Унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи таҳқиқоташ дар маҷмуъ 34 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз он 17 ададашон дар саҳифаҳои маҷаллаву маҷмуаҳои илмии дар феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ФР вуҷуддошта интишор шудаанд. Инчунин 17 мақолаи илмии дигари номбурда дар маҷаллаву маҷмуаҳои илмии ҷумҳуриву хориҷ аз он нашр гардидаанд, ки онҳо мазмуну муҳтавои диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Курғанов Зохид Дехканович «Таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии унсурҳои ёвари сервазифаи осори садаҳои X-XIII бо

давронии муосир» ба талаботи бандҳои 31-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021-ум таҳти №267-ум тасдиқ шудааст, инчунин талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.00-Забоншиносӣ (10.02.20-Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) аст.

**Мушовири илмӣ**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони
тоҷикии Муассисаи давлатии
таълимии «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд ба номи академик
Бобоҷон Ғафуров» **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф**

«28» сентябри соли 2023

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Мавлонбеков, 1.
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»
Почтаи электронӣ: abdujamol58@mail.ru
Тел.: (92) 824-25-61; (91) 500-41-21

«Имзои профессор Ҳасанзода А. А.-ро тасдиқ мекунам»:

**Сардори раёсати кадр ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э.М.**

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Б. Мавлонбеков, 1.
Тел.: (+992) 117070700
E-mail: n.ehson@mail.ru

«29» сентябри соли 2023